ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-039 назди Институти тибби ветеринарии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон ба диссертатсияи Ҷумазода Муҳаммадзоир Маҳмад дар мавзуи «Тейлериози чорвои калони шохдор ва чораҳои мубориза бо он дар Тоҷикистони Шимолӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D120106-Паразитология

Тибқи қарори Шурои диссертатсионии 6D.КОА-039 назди Институти тибби ветеринарии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон (ИТВ АИКТ) аз 29 сентябри соли 2026 комиссия дар ҳайати раис - номзади илмҳои биологӣ Курчиев М.Ю., аъзои комиссия – номзади илмҳои ветеринарӣ Иброҳимзода Б.И. ва номзади илмҳои биологӣ Қаюмова М.У. диссертатсия, автореферат, ҳуҷҷатҳои зарурӣ, мақолаҳои илмие, ки вобаста ба мавзуи диссертатсия аз ҷониби докторант Ҷумазода Муҳаммадзоир Маҳмад нашр гардидаанд, баррасӣ ва муҳокима намуда, қарори зеринро қабул карданд:

Кори диссертатсионии Ҷумазода М.М. дар мавзуи «Тейлериози чорвои калони шохдор ва чораҳои мубориза бо он дар Тоҷикистони Шимолӣ» зери роҳбарии доктори илмҳои ветеринарӣ Сахимов М.Р. дар солҳои 2021-2024 дар кафедраи фармакология ва паразитологияи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур, шуъбаи паразитологияи Институти тибби ветеринарӣ ва қисман дар ҷонвархонаи Институти масоили амнияти биологӣ ва биотехнологияи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон иҷро карда шудааст.

Хулоса дар бораи мутобиқати мавзуъ, муҳтавои диссертатсия ва автореферат ба ихтисос ва соҳаи илме, ки аз рӯйи он ба Шуро қабул, баррасӣ ва ҳимояи диссертатсияҳо иҷозат дода шудааст.

Тадқиқот ба бандҳои 3.3 - таснифоти муфтхӯрон, барангезандаҳои бемориҳои паразитии ҳайвонот ва одам; 3.13 - зуҳуроти клиникӣ, усулҳои ташхис, табобат ва пешгирии бемориҳои инвазионӣ ва 3.15 - таҳияи воситаҳо ва усулҳои дезинвазия, дезинсексия ва дезакаризатсияи шиносномаи номгузории ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла байторӣ: аз рӯйи ихтисоси 6D120106-Паразитология мувофиқат мекунад.

Қисми асосии рисола дар кафедраи фармакология ва паразитологияи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур дар доираи мавзуи «Тарҳрезии усулҳои самараноки мубориза бо паразитозҳои ҳайвонот вобаста аз ҳолати эпизоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои солҳои 2021-2025 ва дар асоси мавзуи давлатии

«Коркарди шаклҳои нави доруворӣ бар зидди протозоозҳои чорвои калони шохдор» РҚД 0121TJ096 барои солҳои 2020-2025 мустақилона анҷом дода шудааст.

Муҳтавои кори диссертатсионӣ дар таълифоти нашршудаи довталаб мукаммал инъикос ёфтааст.

Масъалаҳои асосии қабули диссертатсия ба ҳимоя:

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Тейлериоз яке аз бемориҳои маъмултарини инвазионӣ ва васеъ паҳншудаи чорвои калони шохдор буда, ба соҳаи чорводории ҷумҳурӣ зарари зиёди иқтисодӣ мерасонад.

Таҳлилҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки тейлериоз дар бисёр кишварҳои ҷаҳон паҳн шудааст, аммо вазъияти эпизоотии шадидтарин дар кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон боқӣ мемонад. Ба гуфтаи муаллифони гуногун, сатҳи беморшавӣ ва фавти чорвои калони шохдор ба 50-80% мерасад ва дар шароити номусоиди эпизоотӣ он метавонад то 96-100% афзоиш ёбад. Ин рақамҳо аз гардиши назарраси тейлерияҳо дар манбаъҳои табиӣ ва самаранокии нокифояи чораҳои пешгирикунандаи мавҷуда шаҳодат медиҳанд.

Сарфи назар аз таҷрибаи маъмули мубориза бо тейлериози чорвои калони калони шохдор, усулҳои истифодашавандаи ташхис, табобат ва пешгирии он дар минтақаҳои гуногуни Ҷумҳурии Тоҷикистон на ҳамеша самаранок мебошанд. Ин аз гуногунии шароити табиӣ, иқлимӣ, чорводорӣ ва вазъияти гуногуни эпизоотӣ вобаста аст.

Мушкилоти иловагӣ дар ташкили чораҳои зиддиэпизоотӣ, дастрасии маҳдуди акаритсидҳо, тағйирёбии сохтори хоҷагиҳои чорводорӣ, афзоиши шумораи хоҷагиҳои хусусию фермерӣ ва таъминоти нокифояи хӯроки чорво мебошад. Аз ин рӯ, зарурати такмил додани усулҳои мавҷуда ва таҳияи усулҳои нави аз ҷиҳати илмӣ исботшуда барои ташхис, табобат ва пешгирии тейлериози чорвои калони шохдор боқӣ мемонад.

Чораҳои муосири мубориза бо тейлериоз бидуни омӯзиши ҳамаҷонибаи хусусиятҳои эпизоотологии беморӣ, инчунин морфология ва биологияи афзоиши канаҳои интиқолдиҳанда дар шароити мушаххаси табиӣ ва иқлимӣ ғайриимконанд. Таҳлили ҳамаҷонибаи ин омилҳо имкон медиҳад, ки системаи чораҳои пешгирикунанда ва табобатӣ бо дарназардошти хусусиятҳои минтақавӣ асоснок карда шавад.

Дар натиҷа, омӯзиши минбаъдаи тейлериози гов дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷиҳати илмӣ ва амалӣ муҳим боқӣ мемонад. Беҳтар кардани чораҳои зиддиэпизоотӣ, ки ба коҳиш додани паҳншавии беморӣ нигаронида шудаанд, махсусан муҳим аст.

Аз ин рӯ, тадқиқоти ҳамаҷониба, ки ба фаҳмиши хусусиятҳои эпизоотологии тейлериози чорвои калони шохдор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин таҳияи тавсияҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок барои беҳтар кардани ташхис, табобат ва пешгирӣ нигаронида шудааст, хеле муҳим аст ва аҳаммияти назарраси илмӣ ва амалӣ дорад.

Ҳадафи тадқиқот. Ҳадафи асосии тадқиқот омӯзиши эпизоотология, табобат, тарҳрезии чораҳои пешгирӣ ва мубориза бо тейлериози чорвои калони шохдор дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистони Шимолӣ мебошад.

Вазифаҳои тадқиқот:

1. Омӯзиши эпизоотологияи тейлериози чорвои калони шохдор дар Тоҷикистони Шимолӣ;
2. Муайян намудани фауна ва динамикаи мавсимии муфтхӯрии канаҳои иксодӣ-интиқолдиҳандагони тейлериози чорвои калони шохдор;
3. Омӯзиши хусусиятҳои биоэкологии канаҳои иксодӣ-интиқолдиҳандагони тейлериози чорвои калони шохдор дар шароити Тоҷикистони Шимолӣ;
4. Муайян намудани самаранокии муолиҷавии маводи кимиёвӣ ҳангоми тейлериози чорвои калони шохдор;
5. Андешидани чораҳои мубориза ба муқобили канаҳои иксодӣ дар шароити хоҷагиҳои чорводории Тоҷикистони Шимолӣ;
6. Таҳияи чораҳои пешгирӣ ва мубориза бо тейлериози чорвои калони шохдор.

Навгонии тадқиқоти илмӣ. Омӯзиши ҳамаҷонибаи таркиби намудҳо, хусусиятҳои биоэкологӣ ва динамикаи мавсимии канаҳои иксодӣ-интиқолдиҳандагони тейлериози чорвои калони шохдор дар минтақаҳои гуногуни табиӣ ва иқлимии Тоҷикистони Шимолӣ гузаронида шудааст.

Сатҳи паҳншавии тейлериози чорвои калони шохдор ва дараҷаи сироятёбии ҳайвонот дар Тоҷикистони Шимолӣ муайян гардид, ки дар асоси далелҳои эпизоотологии бадастомада, қаламрави он ба минтақаҳои латентӣ (номусоиди пинҳонӣ), эпизоотӣ (амалкунанда), таҳдидкунанда ва мусоид тақсим карда шудааст.

Бори аввал дар хоҷагиҳои чорводории вилояти Суғд арзёбии муқоисавии самаранокии муолиҷавии як қатор доруҳои кимиётерапевтӣ (тейлерсан, бупакон, бупаркон) ва маводи инсектоакаритсидии ширкатҳои ватанию хориҷӣ (диазинон, эктосан, сифлунит флок, сифлунит- ON, иверсект) муайян карда шуд.

Аҳаммияти амалӣ ва назариявии тадқиқот. Асоси тадқиқоти назариявиро кори бунёдӣ доир ба омӯзиши эпизоотологияи тейлериози

чорвои калони шохдор ва тарҳрезии чораҳои мубориза бо он ташкил медиҳад. Муқаррароти назариявию методологӣ, хулосаҳову тавсияҳое, ки дар диссертатсия оварда шудаанд, метавонанд дар ҷараёни таълимии факултети тибби ветеринарии муассисаҳои олии касбӣ аз фанни паразитология ва касалиҳои инвазионии ҳайвонот истифода бурда шаванд.

Дар асоси натиҷаҳои тадқиқоти бадастовардаи илмӣ «Тавсияҳо оид ба муолиҷа ва пешгирии пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор», ки аз ҷониби Кумитаи бехатарии озуқавории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 18 ноябри с.2024 (протоколи №8) тасдиқ карда шудааст ва «Дастурамал оид ба истифодаи маводи дорои таъсири васеъи зиддипаразитии Иверсект барои табобат ва пешгирии касалиҳои инвазионии ҳайвоноти кишоварзӣ», ки аз ҷониби Институти масоили амнияти биологӣ ва биотехнологияи АИКТ 06 июни соли 2024 тасдиқ карда шудааст, таҳия гардидааст.

Эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқот бо маълумоти кофӣ ва таҷрибавӣ оид ба омӯзиши хусусиятҳои эпизоотологии тейлериози чорвои калони шохдор дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистони Шимолӣ тасдиқ карда мешавад. Дар маводи хеле калони таҷрибавӣ самаранокии кимиётерапевтӣ ва акаритсидӣ барои табобат ва пешгирии тейлериози чорвои калони шохдор омӯхта шудааст.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳоро боварибахшии маълумотҳо, ҳаҷми басандаи маводи тадқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои тадқиқот ва нашрияҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда тасдиқ мекунанд. Хулоса ва тавсияҳои амалӣ ба таҳлили натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ такя мекунанд. Тадқиқоти диссертатсионӣ зина ба зина ба иҷро расонида шуд. Зинаи якум аз омӯзиши адабиёти илмӣ доир ба масъалаи мазкур иборат буд. Сипас мавод доир ба татбиқи тадқиқотҳои шахсӣ ва коркарди омории онҳо ҷамъоварӣ карда шудаанд. Дар як маврид корҳои илмӣ доир ба натиҷаҳои бадастомада ба нашр расонда шуданд ва баъзе аз онҳо дар семинару конференсияҳои илмию амалӣ иброз ёфтаанд.

Оид ба дар диссертатсия набудани ҳолатҳои истифодаи маълумот бе нишон додани манобеъ. Аз ҷониби диссертант маълумотнома оид ба санҷиши матни диссертатсия оид ба ҳаммонандиҳо (плагиат) пешниҳод карда шудааст, ки аз ҷониби корманди Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ Ёров Р.М. имзо гардидааст. Тибқи маълумотномаи мазкур матни диссертатсияи Ҷумазода М.М. дар мавзуи «Тейлериози чорвои калони шохдор ва чораҳои мубориза бо он дар Тоҷикистони Шимолӣ» 86,36% - ро ташкил медиҳад.

Дар бораи пуррагии маводи диссертатсия дар корҳои нашркардаи довталаби дараҷаи илмӣ. Диссертатсия дар ҳаҷми 149 саҳифаи матни компютерӣ пешниҳод шуда, аз муқаддима, шарҳи адабиёт, хусусиятҳои табиию иқлимии мавзеи тадқиқот, мавод ва усулҳои тадқиқоти хусусӣ, 12 бахши тадқиқоти хусусӣ, баррасии натиҷаҳои тадқиқот, хулосаҳо, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои тадқиқот, рӯйхати адабиёти истифодагардида, аз ҷумла 247 сарчашмаҳои илмӣ, ки аз он 30 ададаш манбаъҳои хориҷӣ мебошанд, иборат аст. Рисола бо 27 ҷадвал ва 10 расм ороиш дода шудааст.

Доир ба мавзуи диссертатсия 6 мақола ва фишурдаҳои илмӣ таҳия гардида, аз он 3-тояш дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

Муқаррароти илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои амалии дар кори диссертатсионии Ҷумазода М.М. пешниҳодшуда бо маводи воқеӣ асоснок карда шудаанд.

Бо эътирофи сифати хуби кори диссертатсионии Ҷумазода М.М. қайд менамоем, ки дар он хатогиҳои алоҳидаи техникӣ ва имлоӣ мавҷуданд.

Бояд қайд кард, ки ин шарҳҳо хусусияти тавсиявӣ доранд ва бартариҳои диссертатсияро, ки кори мукаммали илмӣ-тахассусӣ буда, аҳаммияти калони илмӣ-амалӣ дорад ва ба рушди илми байторӣ мусоидат мекунад, коҳиш намедиҳанд.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Ҷумазода Муҳаммадзоир Маҳмадро дар мавзуи «Тейлериози чорвои калони шохдор ва чораҳои мубориза бо он дар Тоҷикистони Шимолӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D120106-Паразитология баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 тартиби додани дараҷаҳои илмӣ:

ҚАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи Ҷумазода Муҳаммадзоир Маҳмад дар мавзуи «Тейлериози чорвои калони шохдор ва чораҳои мубориза бо он дар Тоҷикистони Шимолӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D120106-Паразитология ба ҳимоя қабул карда шавад;

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқонии зеринро, ки корҳои илмӣ-тадқиқиашон ба ихтисоси 6D120106-Паразитология мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

Каримов Сайфуддин Сайтоҷович - доктори илмҳои тиб, директори Маркази таҳсилоти баъдидипломии Муассисаи таълимии ғайридавлатии «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон»;

Камолов Насимҷон Шарифбоевич .– номзади илмҳои биологӣ, дотсенти кафедраи технологияи маҳсулоти хӯрокаи Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд;

3.Ба сифати **муассисаи пешбар** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров тавсия дода шавад;

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Институти тибби ветеринарии АИКТ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад;

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:

номзади илмҳои биологӣ Курчиев М.Ю.

Аъзои комиссияи экспертӣ:

номзади илмҳои ветеринарӣ Иброҳимзода Б. И.

номзади илмҳои биологӣ Қаюмова М.У.

"27" 10 соли 2026